***ТДУ 07(575.3)***
***DOI:10.51844-2077-4990-2022-4-143-150***

***АНОСИРИ ЖАНРСОЗ ДАР БАРНОМАҲОИ МАРБУТ БА ҶАВОНОНИ ТЕЛЕВИЗИОНИ «САФИНА»***

***Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода,*** *н.и.ф., дотсенти кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;* ***Саидзода Шодонаи Иброҳим,*** *аспиранти кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (Тоҷикистон, Душанбе)*

***ЖАНРООБРАЗУЮЩИЕ ЭЛЕМЕНТЫ В МОЛОДЕЖНЫХ ПРОГРАММАХ ТЕЛЕВИДЕНИЯ "САФИНА"***

***Хамидиён Илхомджон Иномзода,*** *к.ф.н. доцент кафедры телевидения и радиовещания факультета журналистики Таджикского национального университета;* ***Саидзода Шодонаи Иброхим,*** *аспирантка кафедры телевидения и радиовещания факультета журналистики Таджикского национального университета (Таджикистан,Душанбе)*

***GENRE-FORMING ELEMENTS IN YOUTH PROGRAMS ON TV «SAFINA»***

***Hamidiyon Ilhomjon Inomzoda,*** *candidate of philological Sciences, Associate Professor of the department of television and radio broadcasting of the faculty of journalism under the Tajik National University, (Tajikistan, Dushanbe),* ***E-mail:*** *i.hamidiyon@gmail.com;* ***Saidzoda Shodonai Ibrohim,*** *post-graduate student of the department of television and radio broadcasting of the faculty of journalism under the Tajik National University (Tajikistan, Dushanbe),*
***E-mail:*** *oyandasoz@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *Тоҷикистон, телевизиони "Сафина", аносири жанрсоз, барномаҳои ҷавонон, очерк, мусоҳибаи портретӣ, репортаж, жанр, ток-шоу, талаботи жанрӣ, барномаҳои ихтисосӣ*

*Мақола ба мавзӯи нисбатан нав дар илми журналистикаи миллӣ –масъалаи ҷавонон ва унсурҳои жанрсоз дар барномаҳои телевизионӣ бахшида мешавад. Пажӯҳиш дар заминаи ин мавзӯъ нишон нишон дод, ки масъалаи ҷавонон ва аносири жанрсоз ҳанӯз ба баррасиҳои бештар ниёз дорад. Аз нигоҳи роҳандозии сиёсати давлатӣ дар ин самт қадамҳои ҷиддӣ гузошта шуда, чорчубаи тасмимҳои амалиро барномарезӣ ва танзим мекунанд. Аз контексти сиёсати давлатии ҷавонон бармеояд, ки мавқеи давлат ба ҳаёти ҷавонон ва нерӯи ҷисмониву ақлонии онҳо дар асоси принсипҳои волои башарӣ ва шаҳрвандӣ муайян шудааст. Телевизиони "Сафина" таҳаввулоти амиқи телевизиониро дар кишвар асос гузошт. Ҳанӯз дар моҳҳои аввали таъсисаш бо услубу шеваи фарқкунанда барномаҳои ҷолибу диданиро пешкаши тамошобин намуд. Аз таҳлили муҳтавои намоишҳои ба мавзӯи мо дахлдор низ бармеояд, ки шеваву нигориши онҳо ҷолибу таъсирбахш буданд, ки таҳияи хоси барномасозиро бармало сохтанд. Маҳз аз ин ҷиҳат ҳаводоронашон дар аввал хеле зиёд буда, рақиби арзанда надоштанд. Солҳои баъдӣ, ки чанд шабакаи нав ба фазои иттилоотӣ ворид шуд, то ҳадде ба аудиторияи телевизиони "Сафина" бетаъсир набуд, аммо дида мешавад, ки эҷодкорони он талош доранд, то усулҳои нави барномасозиро ба кор баранд.*

***Ключевые слова:*** *Таджикистан, телевидение «Сафина», жанрообразующие элементы, молодежные программы, очерк, портретное интервью, репортаж, жанр, ток-шоу, жанровые требования, специализированные программы*

*Данная статья посвящена относительно новой теме в отечественной журналистской – науке. Исследования в контексте данной темы показали, что вопрос о молодежи и жанрообразующих элементах все еще нуждается в дополнительном рассмотрении. С точки зрения реализации государственной политики в этом направлении сделаны серьезные шаги, программируются и регламентируются рамки практических решений. Из контекста государственной молодежной политики следует, что позиция государства в отношении жизни молодых людей, их физических и душевных сил определяется на основе высших принципов гуманности и гражданственности. Отмечается, что телевидение "Сафина" заложило основу для глубокого развития телевидения в стране. Уже в первые месяцы своего существования данный телеканал представил зрителям интересные программы с характерным стилем. Из анализа содержания передач, относящихся к*

*нашей теме, также видно, что их стиль и подход были интересными и впечатляющими, что создало особое развитие программирования. Именно из-за этого у них в начале было много поклонников и не было достойного соперника. Автор подчеркивает, что в последующие годы вхождение в информационное пространство нескольких новых каналов не повлияло на аудиторию телеканала «Сафина», чему способствуют усилия его создателей, использующих новые методы программирования.*

***Keywords:*** *Tajikistan, TV "Safina", genre-forming elements, youth programs, essay, portrait interview, reportage, genre, talk show, genre requirements, specialized programs*

*The given article is devoted to a relatively new topic in the domestic journalistic science. Research in the context of this topic has shown that the issue of youth and genre-forming elements still needs additional consideration. From the point of view of the implementation of state policy, serious steps have been taken in this direction, the framework of practical solutions is being programmed and regulated. It follows from the context of the state youth policy that the position of the state in relation to the lives of young people, their physical and mental strength is determined on the basis of the highest principles of humanity and citizenship. TV «Safina» laid the foundation for the deep development of television in the country. Already in the first months of its existence, it presented interesting programs with a characteristic style to the audience. From the analysis of the content of the programs related to our topic, it is also clear that their style and approach were interesting and impressive, which created a special development of programming. It is because of this that they had a lot of fans in the beginning and did not have a worthy opponent. In subsequent years, when several new channels entered the information space, this did not affect the audience of the TV «Safina», but it is clear that its creators are trying to use new programming methods.*

Дар ҳамбастагии масоили ҷавонон дар барномаҳои телевизиони "Сафина" тамоми гуруҳи жанрҳо истифода мешавад. Ин яке аз фарқҳои ин телевизион дар муқоиса бо шабакаи телевизиони "Тоҷикистон" мебошад. Масалан, дар телевизиони "Тоҷикистон" жанрҳои иттилоотӣ дар мавзӯи мавриди назар кам ба чашм мерасанд, аз «Сафина» намунаҳои зиёдеро метавон ба мисол овард.

Дар натиҷаи ковишҳо мо дарёфтем, ки гуруҳи жанрҳои таҳлилӣ ва бадеӣ-публитсистӣ дар баррасии масоили ҷавонон мавқеи устувор доранд.

Жанрҳои таҳлилӣ бинандаро аз тафсилу таҳлили масоил огоҳ карда, мазмунан афкорсоз мебошанд. Ҷавҳари жанҳои публитсистию бадеӣ чун дигар анвои қолабҳои эҷоди журналистӣ аз масоили иҷтимоӣ сарчашма мегирад. Дар айни замон, ин хусусияти фарққунандаи телевизиони «Сафина» дар қиёс бо телевизиони "Тоҷикистон" дар инъикоси сиёсати давлатии ҷавонон аст.

Дар журналистика проблемагузорӣ ба маънои маърифат кардани масъалаҳои рӯзмарра дар шакли таҳлилу ташхис фаҳмида мешавад. Аз ин нуктаи назар, проблема-масъалаи муҳим ва мураккабест, ки бояд нишонрасу ҳадафмандона пайгирӣ ва пешниҳод шавад. Масъалагузорӣ дар журналистика бо роҳҳои гуногун сурат мегирад. Аз таҳлилгар дар ҳама ҳолат огоҳии комил ва маълумоти зиёд оид ба мушкилот ва тарзи дурусту муттаассири он талаб мешавад. Масалан, барномаи «Шом ба хайр» дар жанри мусоҳиба таҳия мегардад. Намоишҳои телевизионӣ нозукиҳоеро ниҳон доранд. Ҳамаи ин дар назди кормандони намоиш масъулияти бузургеро талаб мекунад. Аз ин рӯ, кори телевизионро коллективӣ гуфтаанд. Вале ин заҳматҳо ба як самт равона шудаанд, ки он ҳам бошад, ба завқи тамошобини худ расидагӣ кардан, бар олами андешаҳои онҳо таъсири хешро гузоштан аст. Бо ин мақсад роҳу усулҳое матраҳанд, ки барои ба мақсад расидан кормандони телевизион аз онҳо истифода мебаранд. Яке аз онҳо усули муколама (мусоҳиба) аст, ки коргирии васеъ аз он дар тамоми ВАО ба чашм мерасад.

Яке аз унсурҳои ҳалкунанда дар суҳбаторои дар тарзи саволгузорӣ зоҳир мегардад. Ба кадом самт равона намудани мусоҳиб ё худ ҳамсуҳбат ба қудрати эҷодӣ, дарки мавзуъ ва шинохти мусоҳиб аз ҷониби суҳбатнигор рабт мегирад. Рафоат Абдусаломова бар он аст, ки мусоҳиба гузаронидан, хотираи мустаҳкам доштан, эҳтиёткору мушоҳидакор буданро талаб мекунад. "Тасаввурот доштан, муассирона эҳсос кардан, нозуксанҷ будан, омодагии ҳаматарафа аз ҷиҳати психологӣ, устуворӣ, дилёбиву истодагарӣ, тезфаҳмӣ ва инсондӯстӣ барин хислатҳоро бояд дошта бошад. Маҳорати мухбир дар ҷараёни мусоҳиба аён мегардад" [2, с. 96].

Муассисаи давлатии телевизиони «Сафина» ҳамчун телевизиони фарҳангӣ дар доираи аксар жанрҳои публисистикаи телевизионӣ мавзуъҳоро бозтоб медиҳанд, ки ба тамошобинони ҷавони ин шабака бетаъсир нест. Таъсиррасонӣ ва аҳаммияти иҷтимоии ин барномаҳо ба ҳунари барномасозӣ, истифодаи бамавриди унсурҳои жанрӣ, эффектҳои ҷолиби барномаҳои тасвирии

компютерӣ ва баррасии бомаҳоратонаи журналистони телевизиони “Сафина” вобастагии зич дорад.

Барномаи «Шом ба хайр» дар моҳи марти соли 2017 бо муаллифии Саиданвар Умарзода бо иштироки тарроҳи ҷавон Макнуна Ниёзова пешниҳоди бинанда гаштааст, ки аз рӯйи шакл гирифтани рафти барнома мо онро ба жанри мусоҳиба мувофиқ донистем [16]. Бо назардошти навъҳои ин жанр ба мусоҳиба-лавҳа ё мусоҳибаи портретӣ монандии зич дорад, зеро суҳбатнигор на танҳо ба ҳунари дӯзандагӣ, балки фаъолияти мусоҳиб дахл мекунад.

Дар мусоҳибаҳои портретӣ талаботи асосӣ огоҳии қалбии мусоҳибагар аз шахсияти мусоҳиб, кору фаъолияташ, маҳсули ҳунару дараҷаии маълумотнокии ӯ афзалият пайдо мекунад, то тамошобинро қаноат дода тавонад. Аз ин рӯ, барномаи зикршуда, бо интихоби мусоҳиб, мавзӯъ ва тарзи саволгузории журналист ба мусоҳибаи портретӣ мувофиқ аст. «Мусоҳибаи портретӣ, як навъ хоси мусоҳиба аст. Барои ифшои шахсияти мусоҳиб истифода мешавад. Ба он ташхиси хислатҳои иҷтимоию равонии мусоҳиб муҳим аст. Вай гоҳо чун як қисми таркибии очерки телевизионӣ истифода мегардад» [10, с.54].

Журналист бо мусоҳиби худ тариқи саволҳои омоданамудааш атрофи ҳунару ҳунармандӣ, таъсири кӣ ва чӣ барои тарроҳиро интихоб намудани мусоҳиб, дар бораи қобилият барои муваффақ шудан дар ин ё он касб, рисолати зани ҳунарманд, фаъолияти мусоҳиб ҳамчун роҳбари маркази таълимии тренингии муди «Чаманоро», нияту нақшаҳои Макнуна Ниёзова дар соли ҷавонон ҳамчун ҷавони соҳибҳунар мусоҳиба гузаронидааст. Саволҳои журналист дар мавриди мусоҳибаи хуб гузаронидан на он қадар мувофиқи матлаб бошад ҳам, аммо ӯ кӯшиш намудааст, ки маълумотро аз мусоҳиб муайян ва дақиқ ба бинанда расонад. Масалан, муаллиф савол медиҳад: - «Ҳунар инсонро машҳур месозад ё инсон ҳунарро?», мусоҳиб ҷавоб медиҳад: - «Инсон ҳунарро сайқал медиҳад ва ҳунар инсонро машҳур месозад, ҳарду вобастаи ҳамдигаранд?». Ё дар ҷойи дигар савол: - «Орзуҳои қалб чӣ гуна аст?», ҷавоб: - «Хушбахтии халқ, ободии диёрам ва рушду инкишофи ҳама соҳаҳо». Матраҳ намудани савол аз ҷаҳонбинии журналист ва дарки шахсияти мусоҳиб ва мавзӯи баррасишаванда вобаста аст. Аз нигоҳи равонӣ ҳам бо дидани тарроҳ дар мафкураи бинанда аллакай нақши либосу тарҳи он пайдо мешавад. Аммо дар барномаи «Шом ба хайр», ки мусоҳиб бо либос сару кор дорад ва асоси ба барнома даъват шуданаш ҳам дар муваффақ будани ӯ дар офаридани маҷмӯи либосҳо ва пешниҳоди он ба дигар давлатҳо аст, сухан аз атрофи либос ҳамчун таҷассумгари симои миллат дур мондааст. Журналист метавонист ҷиҳати баррасии мавзӯи либосҳои миллӣ ва ҷалби таваҷҷуҳи ҷавондухтарон ба либосҳои шинами миллӣ мекард ва бо вуҷуди портретӣ будани мусоҳиба таъсирбахшии онро зиёд намуда, аҳаммияти иҷтимоияшро бармалотар созад.

Дар нашри дигари барномаи «Шом ба хайр» рассоми ҷавон Меҳриддини Абдусаид суҳбат мекунад. Ин мусоҳиба июли соли 2017 пешкаши тамошобинон гардидааст. Мусоҳиба дар коргоҳи рассомии ӯ сабт гардидааст. Ин мусоҳиба низ портретӣ буда, бештар шахсият ва фаъолияти ӯро дар бар гирифтааст. Мусоҳиба бо рассоми ҷавон дар доираи рисолати рассомӣ, фаъолияти эҷодии ӯ дар филмҳо ҳамчун рассом-таҳиягар, чӣ гуна будан ва чиро писандидани санъати рассомӣ, ҳисси зебоипарастӣ, баҳои рассом ба навқаламон ҳамчун омӯзгори Донишкадаи санъати тасвирӣ ва дизайн, иштироки ӯ дар намоишҳо бо асарҳои офаридааш ва ниятҳои Меҳриддини Абдусаид дар “Соли ҷавонон” ва ғайра сурат гирифтааст [17].

Ҳарчанд ҳар ду мусоҳибаи журналист бо мусоҳибони даъватнамудааш 11 дақиқаро дар бар гирифтааст, мусоҳибаи дуюм бо вуҷуди саволҳои такрор аз ҷониби журналист нисбатан беҳтар ба мушоҳида мерасад, чунки саволҳо вобастаи якдигар ва муайянкунандаи ҷавобҳои мушаххас мебошанд. Бояд гуфт, ки дар ҳар ду маврид ҳам мусоҳибаҳо аҳаммияти тарбиявию ахлоқӣ ва фарҳангиву иҷтимоӣ доранд, ки ба насли ҷавон гиромӣ доштани фарҳанги миллати худро талқин месозад. Ба ин тартиб, мусоҳибаву суҳбатҳое, ки дар телевизиони “Сафина” омода мешаванд, аз рӯйи таъинот асосан ба ҷавонон ва фарҳангиён равона мегарданд. Суҳбатҳои Нигинаи Муъмин дар барномаи фарҳангии “Вожазори маонӣ”, ки бештар бо намояндагони адабиёт, санъат, ҳунар ва дигар соҳаҳои эҷод барпо мегардад, маҳорати хубу сӯҳбатороиро ифшо месозад. Дар мусоҳибаву сӯҳбатҳои Раҳматуллои Камол дар барномаи “Ҳукм” шакли нави матраҳ кардани мавзӯъҳои иҷтимоии рафтори ҷавонон мушоҳида мешавад. Журналист пеш аз муаррифии меҳмонон ва мавзӯи суҳбат саҳнаи кӯтоҳеро бо иштироки ҳунармандон пешкаш месозад. Моҳиятан саҳнаҷаҳо чун сархату мундариҷаи мавзӯъ маъно медиҳанд. Барои шунаванда ва иштирокчиён маълум мегардад, ки идомаи сӯҳбат атрофи кадом масоили

иҷтимоию фарҳангии ҷавонон сурат мегирад. Ба таъкиди дигар, усул ҳамчун факт истифода мешавад, ки ба таҳлил ниёз дорад.

Барномаи «Шабҳангом» дар доираи талаботи репортаж таҳия мегардад. Телевизионҳои давлатии мо новобаста аз таъйиноташон ҳамеша сиёсати давлатро ҷиҳати ҳаёти беосеб доштани насли ҷавон пуштибонӣ мекунанд ва барномаҳои гуногунжанру гуногунмазмунро омода месозанд. Ин ба маънои эҳтироми шаъну шарафи ҳама қишрҳои ҷомеа бояд фаҳмида шавад. «Шаъну эътибор ва қадру қиммат категорияҳои муҳимтарини маънавӣ ва ахлоқие мебошанд, ки муносибати боэҳтиромонаро ба ҳар як одам, сарфи назар аз хизматҳо, мавқеи ҷамъиятӣ, мансубияти миллӣ ё эътиқодмандиҳо аз ҷониби дигар одамон, ҳамчунин ҷомеа ва давлат дар назар дорад. Дар давлатҳое, ки беҳокимиятӣ, қашшоқӣ, беқонунӣ ҳукмронанд, дар бораи шаъну шараф ва қадру қиммати инсон сухан гуфтан нашояд» [15, с. 178-179]. Ба ин мазмун, фаъолияти шабонаи корхонаҳои давлатию ғайридавлатӣ аз мадди назари масъулини телевизиони “Сафина” дур намонда, бо барномаи махсуси ихтисосёфта бозтоб меёбад. Аксари намоишҳо дар замина ва дар қолаби жанри репортажи телевизионӣ манзури тамошобин мегарданд. Репортаж аз ҷумлаи жанрҳои серистифодаи ин шабака буда, дар баробари барномаи иттилоотии “Навид” барномаҳои муаллифӣ бо унсурҳои фаъоли он сабт мешаванд. Ба мо унсурҳои таркибии репортаж аз барномаҳои мавриди назар дар барномаи “Шабҳангом”-и журналист Фирӯзи Азиз возеҳтар аён шуд. Ҳамаи нашрҳои барномаи “Шабҳангом” репортажи телевизионӣ мебошанд, зеро аз рӯйи самту равиш он асосан аз фаъолияти басти шабонаи корхонаҳое, ки шабу рӯз дар амал ҳастанд, омода мешавад. Сабти барнома шабона сурат гирифта, аз масъулият ва кунҷкобии журналист дарак медиҳад. Муаллиф наворҳоро на дар шакли мустақим пешкаши бинанда намуда, балки онҳоро баъди банду баст ва омода намудани матни паси кадрии ба он мувофиқ, аз шабакаи «Сафина» пахш гардонидааст. Барнома диққатҷалбкунанда буда, воқеиятро инъикос мекунад. Дар банду басти барнома реалӣ будани иштироки журналист дар объекти мавзуъ аён мегардад, ки аз талаботи аслии жанри репортаж маҳсуб меёбад. Ба ақидаи муҳаққиқони ин жанр: «…дар репортажи телевизионӣ пеш аз ҳама ҳаёт, рӯйдод чӣ хеле ки ҳаст, нишон дода шуда, ба ҳақиқати реалӣ наздик аст. Аз тарафи дигар, рӯйдод аз нигоҳ, фаҳмиши субъективии журналист ба ҷойи аввал баромада, журналист аксаран ҳамчун шоҳид, баъзан ҳамчун иштирокчии рӯйдоди пешниҳодшаванда ҳувайдо мегардад» [9, с. 45]. Гуфтан мумкин аст, ки дар ин барнома журналист ба ҳайси шоҳид, таҳқиқгар ва ҳамчунин иштирокчӣ мавқеъ нишон додааст, чунки мавзуъ масъалаи иҷтимоӣ буда, аз журналист ҳар се мавқеи номбаршударо талаб менамояд ва репортажро боварибахш месозад.

Мо ин барномаро аз рӯи шакл репортажи сабтшудаи видеоӣ ва аз рӯйи технология ба репортажи мавзуӣ мансуб донистем, зеро дар он воқеаҳо нав нестанд. Маълум аст, ки муаллифи барнома мавҷудияти сенарияро дар репортажи мавзӯии сабтшуда ба инобат гирифта, самти таҳқиқи масъаларо медонад ва дар ин маврид ӯ матни мувофиқ ба кадрро омода намудааст.

Қисмати асосии барнома, ки мо онро «репортаж» номидем, ин сабти ҷавонону наврасони беназорат дар интернет-кафеҳо, ки ба бозиҳои зараровари компютерӣ, ки ҷангу кушторро тарғиб менамоянд, машғуланд, сабти кӯдакони беназорат, ки кормандони милитсия бо волидонашон суҳбат менамоянд, гаштугузори ҷавонону наврасон дар нимашаб, сабти талбандагони ҷавон дар хиёбонҳо ва чанде дигар мебошад.

Журналист бо овардани факту рақамҳо майлонҳои ҷинояткорӣ ва самараи фаъолияти мақомоти дахлдорро бозгӯ мекунад. Ин маълумотҳо аз як ҷониб волидонро барои масъулият доштан ҳушдор диҳад, аз ҷониби дигар талаботи репортажро пурра месозад, ки масъулияти асосиро журналист ба дӯш дорад. Ба ибораи муҳаққиқ С. Гулов “муносибати жанр бо факт гуногун аст. Агар барои баъзе жанр (хабар) факт асос бошад, пас барои дигар жанр (мақола) таҳлили факт муҳим аст. Арзишдиҳӣ ба рӯйдод, воқеа ва факт низ аз вазифаҳои жанр бармеояд. Аз ин маълум мегардад, ки ҳар жанр ба факт бо тарзи хос муносибат мекунад” [3, с. 286]. Барнома аз нигоҳи аҳаммияти иҷтимоӣ, ифодаи қолабҳои эҷодӣ ва усулҳои пайгирии мавзуъ нисбатан касбӣ ва нишонрас омода гардидааст. Мавқеи жанри репортаж дар масоили вобаста ба пажуҳиши мо бо воситаи телевизиони “Сафина” маҷмуан мавзуӣ ҳастанд. Репортаж ё гузоришҳои оҷилӣ моҳиятан иттилоотӣ ҳастанд, дар дохили барномаҳои хабарӣ пахш мегарданд [14, с. 106]. Ток-шоу аз жанрҳое унвон мешавад, ки дар қолаби худ имрӯз доираи васеи барномаҳоро фаро гирифтааст ва дар телевизионҳои давлатии мо нақши махсус дорад. Чун ба таърихи телевизиони «Сафина» назар афканем, барномаҳо дар мисоли «Нигоҳи дигар»-и Зевар Давлатова ва «Паймон»-и Талабшо Муқимов аз қабили ток-шоуҳое буданд, ки дар

муддати кӯтоҳ тамошобини худро пайдо намуданд ва миёни аудиторияи телевизионҳои давлатӣ нуфуз ба даст оварданд. Шуҳрати бесобиқа касб намудани телевизиони "Сафина" дар низоми телевизионии кишвар асосан ба шарофати шоу-барномаҳо ба даст омада буд. Аз ҷониби дигар омили аслии маҳбубияти журналистони он ҳам аз намоишҳои наздик ба шоу маншаъ мегирад. Ба таърифи пажуҳишгарон, ток-шоу баҳс аст, ток шоу матраҳи масоилҳои доғи рӯз аст, ток-шоу фароғат аст, ки ҷанбаҳои маърифатӣ ва ҳамзамон, омӯзишӣ низ дорад [13, с. 252]. Дар вобастагии ин шарҳ мо барномаи «Мумтоз»-ро барои таҳлил интихоб намудем, ки моҳи сентябри соли 2011 аз телевизиони «Сафина» пахш гардидааст. Ин барнома солҳои аввали таъсисёбии шабакаи мазкур бо номи «Паймон» пахш мегардид. Иваз шудани ном, муҳтаво ва сохти барнома тағйир наёфт ва мақсади намоиш чун барномаҳои қаблӣ боқӣ монд [18]. Меҳмони асосии барнома аз ҳунармандон, сароянданагон, тарроҳон ва нафарони муваффақ дар ин ё он соҳа буд. Барнома бо тарғиби чеҳраҳои намоён миёни тамошобинон тез маъруфият пайдо намуд ва дар жанри ток-шоу то андозае муваффақ шуд. Дар ин намоиш журналист нақши муҳим бозида, рафти барномаро ба мақсадаш мувофиқ месозад ва бо малакаи худ хатти баҳс ва андешаҳои иштирокчиёну қаҳрамонони барномаро ба тартиб медарорад. Ба андешаи муҳаққиқон аз рӯйи моҳият, ток-шоу пайвастшавии журналистика бо услубҳои саҳнавӣ аст, ки хисслати фароғатбахшии барномаро таъмин мекунад. "Ин ҷо на танҳо суҳбат, балки муколама бо унсурҳои ғайриинтизор, ғайричашмдошт, луқмапартоӣ, шӯхӣ ва афкори гуногун нақши басо бориз дорад" [13, с. 256]. Барномаи интихобнамуда мавзӯи зебоиро мавриди андеша ва баҳси иштирокчиёну қаҳрамонони барнома қарор додааст. Муҳтавои барнома ба андешаҳои муҳаққиқон дар мавриди  ин жанр мувофиқат мекунад. Ба таъкиди профессор М.Муродов, "Ток-шоу- ток- гап задан, изҳори ақида намудан, мулоҳиза рондан, баҳс кардан ва шоу- нишон додан, намоиш додан, пешкаши омма гардонидан, ҳангомабозӣ, барномаи мубоҳисавӣ бо иштироки намояндагони аудиторияи ҳамагонӣ, маънидод шудааст" [6, с. 363].

«Зебоӣ дар чист?»-аввалан журналист бо ин савол ба фарҳангшинос Абдулҳамиди Қиёмзода, ки дар студия ҳамчун меҳмон таклиф шудааст, муроҷиат намуда, посухи онро мешунавад ва ин ҷавобро ба донишҷӯёне, ки дар барнома иштирок доранд, чун ақидаи баҳсталаб пешниҳод менамояд ва ҳамин тавр мавзӯи интихобнамудаашро ҷолиб ва диданӣ ба тамошобинон муаррифӣ месозад. Ба таъкиди муҳаққиқ З.Муъминҷонов, дар ток-шоу ҳатман ғайр аз баранда шахсони шинохта, машҳур, наҷиб, хушрафтор, соҳибандеша иштирок мекунанд, ки яке аз компонентҳои асосии ин жанр мебошад. "...Ва ҳатман иштироки даҳҳо бинандаҳои оддӣ ва экспертҳои бо салоҳият шарт аст..." [9, с. 81]. Пас аз ошно намудани тамошобинон бо мавзуъ, журналист сюжетеро дар ҳаҷми 3 дақиқа дар экрани студия барои иштирокдорони барнома ва тамошобинони телевизион пахш менамояд, ки дар бораи ороишгари касбӣ Миҷгона Носирӣ омода шудааст. Ин сюжет бо вақти камро дар бар гирифтан ва наворҳои ҷолиб доштанаш аз рафти фаъолияти пардозгарии ороишгар, диққатҷалбкунанда ва муассир аст. Пас аз ин сюжет Миҷгона Носириро ба студия даъват менамоянд ва вобаста ба фаъолияти ӯ ва дар атрофи андешаҳои ин ороишгар журналист бо меҳмонони барнома ва донишҷӯёни иштирокдошта, баҳсро ташкил медиҳанд.Табиатан, иштирокдорони ток-шоу ба ҷузъ аз модератор чун қаҳрамонони намоиш ё коршиносони соҳа иштирок мекунанд, ки онҳо салоҳияти тахассусӣ доранд ва маҳорату тарзи фаъолият ва ё андешаашон муҳим мебошад. Дар шоу-барномаи мазкур сӯҳбат асосан аз ҷониби иштирокчиён (қаҳрамонон) ранг мегирад ва ақидаҳо бар зидди андешаҳои онҳо ба миён омада, баҳсро ташкил медиҳад ва журналист баъди ҳар як суҳбат мавқеи онҳоро нисбат ба мавзӯи барнома пурсон мешавад. Вижагии асосии он дар он зоҳир мегардад, ки вобаста ба мавзуъ ихтисосмандон изҳори ақида мекунанд. Ҳам завқ, ҳам фарҳанг ва ҳам ҳунар тафсир шудани зебоӣ ақидаҳои мухталифро эҷод месозад.Дар ин барнома услубҳои журналистие, ки дар ток-шоу истифода мешаванд ва барнома бо он мавқеи хоса пайдо менамояд, аз ҷониби муаллифи истифода шудааст. Ин услубҳо аз ҷониби мухаққиқон Илҳомҷон Ҳамидиён ва Бахтиёр Абдураҳимов ба тариқи зерин номгузорӣ шудааст: "масъала бо далелҳои мушаххас, дар мисоли ҳаёти нафарони аниқ баррасӣ ва ҳал мешавад; суҳбат дар студия дар мавридҳои зиёд бо сюжаҳои видеоӣ тавъам мегардад; барнома сохт ва таркиби ҷиддӣ дорад; баъзе қисматҳои маъноӣ ҷудо ҳастанд; коркарди сенария ҳатмист: оғоз, ташаккул, авҷи аъло, ҷамъбаст; хулосаи зарурӣ" [13, с. 256].Бояд гуфт, ки барномаи «Мумтоз» ба ин услубҳо такя намуда, бо коркарди сенария ва риояи талаботҳои жанри ток-шоу, ки то андозаи муайяне ба чашм мерасад, моводи хуби телевизионӣ маҳсуб ёфта, бештар миёни ҷавонон қобили қабул дониста шудааст. Ток-шоуи номбурда бо суҳбат, мубоҳиса, шӯхию луқмапартоӣ ҷараён

мегирад, ки инҳо аз унсурҳои дигари жанри ток-шоу мебошанд. Муаллиф бо даъвати меҳмонон дар барномааш худро чун «мизбон»-и меҳрубон нишон дода, сухани ҳар яки онро самимӣ, дуруст ва дар навбати худ зарурӣ қабул мекунад ва баҳсро идора карда метавонад. Ҳарчанд, мо нисбат ба сохтори маъноии барнома ба сохтори жанриаш бештар таваҷҷуҳ кардем, аммо маҳорату касбияти қаҳрамонон ва баҳсу баррасии мутахассисони фарҳангшиносу эстетик ва хулосаву бардоштҳои дигар иштирокдорон бегумон ба завқи зебоипарастиву эстетикии аудитория бесамар нест.Дар телевизион чеҳраҳо, масъалаҳо, рӯйдодҳо бо тасвири омехта бо бадеият баррасӣ ва таҳия мешаванд, ки дар бештарин маврид ба жанрҳои публисистӣ-бадеӣ мансуб мебошанд. Аз рӯйи самт ва таъинот дар телевизиони «Сафина» барномаҳое низ омода мегарданд, ки мазмун ва сохти бадеӣ доранд. Симои шахсиятҳои муътабари адабиёту санъат аслан дар шаклу услуби очерки телевизионӣ бозгӯ мегардад. Нишон додани чеҳраи адабию инсонии Лоиқ Шералӣ, шоири маъруфи тоҷик мавзӯи яке аз очеркҳои телевизиони “Сафина” мебошад, ки моҳи апрели соли 2006 рӯйи мавҷ омада буд. Аз нигоҳи сохтори жанрӣ ба очерки портретӣ шабоҳат дорад. Очерк аз руйи тақсимбандии маъноиву сохтории жанрҳо ба гуруҳи публисистӣ-бадеии дар назарияи журналистика шомил шуда, образи бадеӣ яке аз унсурҳои очерк мебошад. Аз ин нуқтаи назар, барномаи ихтисосёфта ба зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии Лоиқ Шералӣ ба сифати очерки портретӣ таҳқиқ мешавад.Очерк дар телевизоин бо истифодаи наворҳои ҳаракатҳои табиии қаҳрамон, бо дар кадр пайдо шудани журналист ва дар баъзе ҳолат бо истифодаи интершум аз очерки радиову матбуот бартарӣ дорад. Аз ин рӯ, бештари муҳаққиқон бар он назаранд, ки очерки телевизион таъсирбахш ва нишонрас аст. Муҳаққиқон очеркро ба се навъ-портретӣ, проблемавӣ ва сафарӣ ҷудо намудаанд. Аз ин се навъ очерки портретӣ хусусияти таъсиррасонии бештар дорад, ки аз тамошои он ба бинанда маълум мегардад. Ин навъи очерк аст, симои қаҳрамонро дар рафтор, фаъолият, шахсият ва ҳаёти ӯ муаррифӣ намуда, хосияти чеҳракушоиро дорост [8]. Дар очерки портретӣ факту аснод аз ҳаёти қаҳрамон дақиқ, вале бо тарзи бадеӣ ифода мегардад, ки аз жанри бадеӣ будани он дарак медиҳад.Журналистро зарур аст, барои очерки хуберо омода намудан, қаҳрамони арзанда ва намунаи ибрати дигаронро интихоб намояд, то маводи омоданамудааш таваҷҷуҳро ҷалб кунад ва бинанда онро то охир тамошо кунад. Чунки очерки телевизионӣ дар аксар маврид аз 20 то 40 дақиқаро дар бар мегирад ва тамошобинро дар ин муддат дар назди телевизион нигоҳ доштан кори саҳл нест. Хусусан очерки портретӣ бадеияти таъсирбахш ва лаҳзаҳои табииро аз ҳаёти қаҳрамон талаб менамояд.Маъмулан, очеркҳои портретӣ вобаста ба мавқеи қаҳрамон хусусияти кӯҳнанашавнда доранд, ки ин хислат ба табиати анвои дигар жанрҳо, ба хусус жанрҳои иттилоотӣ ва таҳлилӣ мутобиқ нест [7]. Бисёре аз очеркҳои портретӣ бо гузашти замон чун моли арзишманди таърихӣ аҳаммияти бештарро соҳиб мешаванд. Албатта, ин марбут ба шахсияти қаҳрамон аст, ки то куҷо фаъолияти ӯ аҳамияти ҷамъиятӣ ва дар айни замон таърихӣ дорад. Очерки мавриди назари мо – “Илҳоми Лоиқ” метавонад дар хазинаи тиллоии шабакаи мазкур ҳифз шуда, ҳоло низ такроран пахш шавад. Ҳарчанд соли 2006 аз телевизиони «Сафина» манзури бинандагон гаштааст, вале то ҳол мавқеаш устувор, мазмуни кӯҳнанашаванда ва бадеияти баландаш таъсирбахш боқӣ мондааст. Муаллифи очерк шахсияти қаҳрамонро аввалан аз нигоҳи худаш ва баъдан шаҳрвандон, аз ҷумлаи муҳаққиқону ҳамкасбон, пайравон, нафарони дӯстдори шеъри ӯ ва ҳамчунин, аз нигоҳи оилааш бозкушоӣ карда, бо бадеият таҳлил намудааст. Журналист ҳамсари шоирро бо мақсади ифшои хислатҳои ӯ дар оилаву оиладорӣ, муносибаташ бо фарзандону наздикон, бо ҳамсару хешовандон, хусусан, бо модараш, барои фаҳмидани ҳиссиёти шоир ҳангоми маргу андӯҳ ва хурсандии пайвандону ҳамкасбони ӯ ва нафарони маъруфи ҷомеа, барои фаҳмидани кай ва чӣ гуна бедоршавии илҳоми эҷодии шоир ва умуман маълумот додан аз ҳаёти шахсии ӯ барои тамошобин, мусоҳиби худ қарор дода, бо ӯ ботамкин ва дар як муҳити ором суҳбат гузаронидааст, ки он табиӣ ва нишонрас ҳосил шудааст. Дар ин маврид муҳаққиқон Б.Қутбиддинов ва Ҷ. Раҳмонова дуруст мегӯянд: «…дар назди офарандаи очерки портретӣ вазифаи хеле масъуле меистад, ӯ бояд қаҳрамонеро барои очеркаш интихоб кунад, ки ашхоси воқеан барҷаста буда, тамоми паҳлӯҳои ҳаёти қаҳрамон боиси пайравӣ гардад. Умуман қаҳрамони очерки портретӣ бояд шахси огоҳ, мубориз, масъулиятшинос, сарсупурдаи манофеи ҷомеа, соҳиби ҳаёти маънеяш баланд бошад» [4, с. 97].

Журналист дар матлаби омоданамудааш бо Абдумаҷид Достиев, Сорбон, Сайдалӣ Маъмур, Гулназар Келдӣ, Баҳриддин Алавӣ, Камол Насрулло, Салими Зарафшонӣ, Абдулҳамид Самадов ва Валӣ Самад, ки аз ҷумлаи шоирону нависандагони тавонои муосири мо мебошанд, ҳамсуҳбат шуда, аз ҳар кадоми онҳо аз паҳлуҳои гуногуни фаъолияту эҷод ва характери ӯ

пурсон шудааст. Аз суханронии мусоҳибон аён аст, ки маълумот ё шарҳе, ки аз ин ё он паҳлӯи ҳаёту фаъолияти шоир медиҳанд, аз пурсиши муаллифи очерк ба миён омадааст. Муаллиф танҳо дар лаҳзаи қироати яке аз шеърҳои шоир, гул гузоштан дар оромгоҳи ӯ ва ҳангоми суҳбат бо ҳамсари шоир рӯи навор омадааст, ки аз фаъолмандии ӯ чун муаллифи очерк дарак медиҳад. Ҳамчунин, банду баст ва пайдарҳамии ҷанбаҳои рӯзгор ва эҷоди Лоиқ Шералӣ мантиқи барномаро пурзӯр кардааст. Очерк жанри печида ва банду басташ мураккаб аст. Вай аз намоишҳои ҳуҷҷатӣ бо ҷузъиёти образнокаш фарқ карда меистад. Дар сенария ва стендаппҳои журналист обуранги бадеӣ мушоҳида мешавад, ки ба барнома рӯҳияи тоза бахшида, хусусияти очерки портретиро тақвият додааст. Бадеият дар очерк агарчӣ принсипи меҳварӣ нест, обуранги бадеӣ таъсирбахшии онро афзун месозад. Дар баробари матни барнома, суҳбатҳои мусоҳибон низ бадеияти баланду тасвирҳои зебо сурат гирифтааст. Тарзу услуби навиштани шеър аз ҷониби Абдумаҷид Достиев, хислати хоксориву ватандӯстдорӣ ва забондонӣ аз ҷониби Сорбон, таҳлили шеърҳои ба модар бахшидаи шоир аз ҷониби Саидалӣ Маъмур, мазмуни шеърҳои ӯ ва дар равияи шоирони миллатҳои дигар эҷод шудани маҷмӯаҳои шеъриаш бо забони тоҷикӣ аз ҷониби Гулназар Келдӣ, шинохту эътирофи фаъолияти шоирии ӯ дар миёни давлатҳои форсзабон аз ҷумлаи Афғонистону Эрон аз ҷониби муҳаққиқ Баҳриддин Алавӣ, ҳамдард будан бо дарди миллат ва рӯҳияи ориёӣ доштанаш аз ҷониби Валӣ Самад, ва зид будани ӯ ҷиҳати миллатгароӣ аз ҷониби Абдулҳамид Самадов, хирадмандию бебокӣ ва ҷасорати адабӣ доштани шоир аз ҷониби Камол Насрулло ва Салими Зарафшонфар ба таври мушаххас таҳлил шудааст. Очерки портретии телевизионӣ бо таҳлилу фаҳмонидани хусусият ва фаъолияти шоири арзанда Лоиқ Шералӣ ба ҷавонон, пеш аз ҳама, дарси инсонгарӣ, масъулияти мардонагӣ, дур будан аз ақлгароӣ ва эътирофи забону фарҳанг ва ғурури ориёӣ, ҷасорату бебокӣ, якдиливу якзабонӣ, дарки мазмуни баланди шеъру шоирӣ ва маънавиёти пурғановати миллати худро меомӯзонад. Журналист ба мақсади худ ҷиҳати тарбияи насли наврасу ҷавон аз тариқи воситаи очерки омоданамудааш то ҳадди муайян расидааст ва ин барнома солҳои сол ҳамчун маводи тарбиявӣ ва публитсистию бадеӣ дар ёди бинандагон боқӣ хохад монд.

Дар поёни таҳқиқ вижагиҳои истифодаи жанрҳои бадеӣ-публитсистиро дар барномаҳои телевизиониии "Сафина" ба таври зерин метавон ҷамъбаст намуд:

1. Дар қолаби жанрҳои журналистикаи телевизион мавзуъҳои баррасишаванда умумияти камтар доранд. Телевизиони "Тоҷикистон" рӯйи мавзуъҳои сиёсӣ таваҷҷуҳи хоса дошта, таҳияи барнома дар қолаби жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ мушоҳида мешавад, ки масоили сиёсиву иҷтимоии ҷавонон гунҷоиш ёбад. Дар онҳо бештар ба сиёсати давлат нисбат ба ҷавонон таъкид мешавад. Дар қолаби жанрҳое, ки дар барномаҳои ҷавонии телевизиони "Сафина" истифода мегарданд, масоили ахлоқӣ ва маданӣ авлавият доранд. Ин равиш табиӣ буда, аз таъиноти шакабаҳо бармеоянд.
2. Матолиби телевизионии хабарӣ вобаста ба фаъолияти ҷавонон, дастовардҳои онҳо ва ҳунару истеъдодашон дар барномаи иттилоотии "Навид" ва барномаи субҳгоҳии "Сабоҳ"-и телевизиони "Сафина" нисбатан зиёд аст. Талоши кормандони телевизион барои эҷоди омили хабарӣ аз фаъолияту истеъдодҳои ҷавонон ва бозтоби он дар қолаби жанрҳои иттилоотӣ эҳсос мешавад.
3. Таҳлилу муқоисагузорӣ нишон медиҳад, ки як омили кам будани матолиби иттилоотӣ доир ба ҷавонон дар ин телевизионҳо набудани лоиҳаҳои ҷиддӣ ва дарозумр дар қолаби маҷаллаҳои телевизионӣ мебошад. Аз рӯйи шакл барномаҳои "Ахбор", "Навид" ва намоишҳои субҳгоҳӣ маҷаллаи телевизионӣ ҳастанд, аммо онҳо аз рӯйи мавзуъ тақсимбандӣ намешаванд. Бинобар ин, таъсиси маҷаллаҳои телевизионии махсусгардонидашуда заминаро барои рангорангии жанрӣ ва шаклӣ дар бахши ҷавонон тақвият медиҳад. Пурсишу ковишҳои мо бар он ишора мекунанд, ки маҷаллаи телевизионӣ ҳайати эҷодии бисёрнафара ва заҳмати бештар дорад, аз ин хотир дар ҳарду телевизион ҳавасмандӣ камтар аст.
4. Таваҷҷуҳи бештар ба барномаҳои хислати илмӣ-оммавӣ аз падидаҳои то ҳадде тоза ва нишонрас дар телевизион маҳсуб мешавад, ки гуногунрангиро дар фарогирии мавзуъҳо ба вуҷуд меорад. Ин тамоюл дар телевизиони "Сафина" бо роҳандозии барномаҳои ихтисосёфта ва бештар намудани пайгирии мавзуъҳои вобаста ба илму маърифат ба мушоҳида мерасад.

## ПАЙНАВИШТ

1. Азимов, А.Маҳорати журналистии таҳлилгари телевизион/А.Азимов.–Душанбе, 2013.– 86 с.
2. Абдусаломова, Р. Телевизион оинаи зиндагист/Р.Адусаломова –Душанбе, 2002. – 143 с.

3. Гулов, С. Жанр: назария ва амалия/С.Н.Гулов//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон–2014 . – №4/1 (129).– С. 286-292.
4. Қутбиддинов,Б.Хосияти публитсистика/Б.Қутбиддинов,Ҷ.Раҳмонова.–Душанбе, 2018. – 164 с.
5. Миралиев, Қ. Татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон/ Қ. Миралиев. –Душанбе, 2014. – 214 с.
6. Муродов, М. Донишномаи фарҳанги рӯзноманигорӣ/ М.Муродов. – Душанбе, 2016. – 480с.
7. Муқим, Ҷ. Журналистикаи мултимедиявӣ/ Ҷ. Муқим. – Душанбе, 2016. – 128 с.
8. Мухтори, К. Социальная коммуникация и СМИ: формирование общественного мнения / К. Мухтори. – Душанбе, 2021. – 140 с.
9. Муъминҷонов, З. Махсусияти жанрҳои иттилоотию таҳлилии телевизион / З.Муъминҷонов. – Душанбе, 2015. – 120 с.
10. Саъдуллоев А.Асосҳои журналистикаи телевизион. Бахши дуюм/А. Саъдуллоев, М. Шоев. – Душанбе, 2010. – 112 с.
11. Сафарова, М. Барномасозӣ дар телевизион (Дастури таълимӣ)/ М. Сафарова. – Душанбе, 2021. – 100 с.
12. Ходибоев, Ф. Место и роль молодёжи в социальной структуре таджикского общества. Автореф. дис. ... канд. филос. наук. 09 00 11 / Ходибоев Фаридун. – Душанбе, 2016. – 24 с.
13. Хамидиён, И. Содержательное и жанровое многообразие на таджикском телевидении / И. Хамидиён, Б.Абдурахим. – Душанбе, 2019. – 256 с.
14. Ҳамидиён, И. И. Унсурҳои ҳамгироӣ ва иртиботи репортажи телевизионӣ бо жанрҳои дигари телевизион / И. И. Ҳамидиён, Раҳими Карим // Номаи донишгоҳ (Паёми Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи акад. Б.Ғафуров). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2022. - №2 (71). – С. 99-108.
15. Ҳасанов, Ш.Қ.Худшиносии миллӣ ва худогоҳии ҷавонон/ Ш. Ҳасанов.–Душанбе, 2017.–392 с.

**Манбаъ:**

16. Барномаи «Шом ба хайр» // Телевизиони «Сафина» 10.03.2017
17. Барномаи «Шом ба хайр» // Телевизиони «Сафина» 12.07.2017
18. Барномаи «Мумтоз» // Телевизиони «Сафина» 21.09.2011

**REFERENCES:**

1. Azimov, A. Journalistic skills of a television analyst [Text] / A. Azimov. - Dushanbe, 2013. – 86 p.
2. Abdusalomova R. Television is a mirror of life [Text] / R. Adusalomova - Dushanbe, 2002. - 143 p.
3. Gulov S. Genre: theory and practice [Text] / S.N. Gulov // Bulletin of the Tajik National University. – No. 4/1 (129). - Dushanbe, 2014. – P. 286-292.
4. Kutbiddinov,B.The nature of journalism [Text]/B.Kutbiddinov, J.Rahmonova.-Dushanbe,2018. - 164 p.
5. Miraliev K. Implementation of state youth policy [Text] / K. Miraliev. - Dushanbe, 2014. - 214 p.
6. Murodov M. Knowledge of journalism culture [Text] / M. Muradov. - Dushanbe, 2016. - 480 p.
7. Muqim J.Multimedia journalism (Educational manual) [Text]/ J.Muqim. - Dushanbe, 2016. - 128 p.
8. Mukhtori K. Social communication and mass media: formation of public opinion [Text] / K. Mukhtori. - Dushanbe, 2021. - 140 p.
9. Muminjonov Z. Peculiarities of informative and analytical genres of television [Text] / Z. Muminjonov. - Dushanbe, 2015. - 120 p.
10. Sadulloev A., Shoev M. Basics of television journalism. The second part [Text] / A. Sadulloev, M. Shoev. - Dushanbe, 2010. - 112 p.
11. Safarova M. Programming on television (Educational manual) [Text] / M. Safarova. - Dushanbe, 2021. - 100 p.
12. Khodibaev F. The place and role of youth in the social structure of Tajik society. Autoref. dis. ... sugar. philosophy science 09 00 11 / Khodibaev Faridun. - Dushanbe, 2016. - 24 p.
13. Hamidiyan I. Content and genre diversity of Tajik television [Text] / I. Hamidiyan, B. Abdurahim. - Dushanbe, 2019. - 256 p.
14. Hamidiyan, I. I. Elements of integration and connection of television reporting with other genres of television / I.I. Hamidiyan, Rahimi Karim // Scientific Notes. Series of Humanities and Social Sciences. – Khujand, 2022. - #2 (71). - 99-108 p.
15. Hasanov Sh. K. National self-awareness and creativity of youth [Text] / Sh. Hasanov - Dushanbe, 2017. - 392 p.

**Source**:

16. "Good evening" program // "Safina" TV 10.03.2017
17. "Good evening" program // "Safina" TV 12.07.2017
18. "Mumtoz" program // "Safina" TV 21.09.2011